ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

ба диссертатсияи докторанти фалсафа (PhD) Исматзода Рустам Абдусалом дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), аз рӯйи ихтисоси 6D030300-фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (6D030301-ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ) (ш. Душанбе, 2026 сол)

Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Диссертатсияи Исматзода Рустам Абдусалом дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)», ки аз рӯйи он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 27 декабри соли 2024, №493 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

Мубрамии мавзуи таҳқиқ. Мавзуи интихобнамудаи диссертант аз масъалаҳои басо муҳим ва ҳассоси ҳуқуқи ҷиноятии муосир ба ҳисоб меравад. Дар шароити рушди муносибатҳои иқтисодию молиявӣ ва густариши равандҳои ҷаҳонишавӣ масъалаи таъмини амнияти иқтисодӣ ва ҳифзи низоми муомилоти пулӣ аҳаммияти махсус пайдо менамояд. Яке аз таҳдидҳои ҷиддӣ дар ин самт тайёр кардан ва ба муомилот баровардани пулу коғазҳои қиматноки қалбакӣ ба ҳисоб меравад.

Ҷинояти мазкур на танҳо ба манфиатҳои иқтисодии давлат, балки ба эътимоди шаҳрвандон ва субъектҳои хоҷагидор ба низоми молиявӣ таъсири манфӣ мерасонад. Аз ин рӯ, таҳқиқи ҳамаҷонибаи масъалаҳои назариявӣ ва амалии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои чунин кирдорҳо, муайян намудани мушкилоти татбиқи моддаи 281 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳияи пешниҳодҳо ҷиҳати такмили қонунгузорӣ дорои аҳаммияти назаррас мебошад.

Нишондиҳандаҳои омор ва натиҷаҳои фаъолияти илмию таҳқиқотӣ аз рушд кардани соҳаи тақаллуби пулҳои қалбакӣ ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ шаҳодат медиҳанд, ки ин раванд ба бахши иҷтимоию иқтисодии кишвар таҳдиди ҷиддӣ эҷод мекунад. Аз рӯйи маълумоти Сармаркази таҳлилӣ-иттилоотии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба ҷинояти «Тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)» аз соли 2010 то 11 моҳи соли 2025 198 ҷиноят ба қайд гирифта шудааст. Қайд намудан бамаврид аст, ки ин кирдорҳо бо дараҷаи баланди латентӣ доштанашон, тавсиф мегарданд. Ин дар муқоиса бо маълумоти расман бақайдгирифташуда аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишвар, байни ҳолати воқеии ин ҷиноятҳо ва тағйирёбии рушди онҳо фарқияти назаррасро ба вуҷуд меорад.

Бо дарназардошти таҳаввули қонунгузории ҷиноятӣ, аз ҷумла, васеъшавии рӯйхати кирдорҳои хатарноки ҷамъиятӣ дар КҶ ҶТ (21 майи соли 1998 қабул гардида, 1 сентябри ҳамон сол ба қувваи қонунӣ даромадааст), ки ба соҳаи муносибатҳои пулию қарзӣ дахл доранд (дар муқоиса бо КҶ ҶШС Тоҷикистон аз соли 1961), таҳияи таҷрибаи ягонаи ҳуқуқтатбиқномоӣ аҳаммияти махсус пайдо мекунад. Яке аз масъалаҳои мубоҳисавӣ, ки то ҳол дар муҳити илмӣ вобаста ба он мавқеи муттаҳидшуда ба вуҷуд наомадааст, бо фарқ кардани таркиби ҷиноят, ки тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)-ро аз амалҳои ғайриқонунии ҳамҷавор пешбинӣ мекунад, алоқаманд аст.

Аз ин рӯ, мавзуи таҳқиқот дорои аҳаммияти баланди назариявӣ, амалӣ ва иҷтимоӣ мебошад.

Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуқтаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд. Натиҷаҳои илмии дар диссертатсия бадастовардаи Исматзода Рустам Абдусалом дорои дараҷаи муайяни навгонӣ буда, ба рушди назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва такмили қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамоянд. Навгонии илмии таҳқиқот, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мегардад, ки таҳлили ҳамаҷонибаи ҳуқуқии ҷиноятӣ дар доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ, бо назардошти воқеиятҳои мубрами сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ, муайян кардани детерминантҳои калидӣ, ки ба самаранокии фишангҳои ҳуқуқии муқовимат ба тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) таъсир мерасонанд, муяссар гардид.

Муаллиф кӯшиш кардааст, ки дар раванди таҳқиқот масъалаҳои баҳсноки бандубасти ҳуқуқии кирдор, дараҷаи шабоҳати пули қалбакӣ ба пули аслӣ, муайян намудани қасди ҷиноятӣ ва фарқгузории сохтакории пул аз қаллобиро мавриди таҳлили муфассал қарор додааст.

Ба навгониҳои асосии таҳқиқот, аз ҷумла, чунин натиҷаҳо мансуб мебошанд:

– таҳлили таърихи ташаккул ва инкишофи қонунгузории ҷиноятӣ дар бораи ҷавобгарӣ барои «Тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)»;

– баррасӣ намудани заминаҳои иҷтимоии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои «Тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)»;

– пешниҳод кардани тавсифи васеи ҳуқуқии ҷиноятии таркиби ҷиноят тибқи м. 281 КҶ ҶТ, аз ҷумла аниқ намудани мазмуни аломатҳои объективӣ ва субъективӣ, инчунин аломатҳои вазнинкунандаи он;

– мушаххас намудани аломатҳои фарққунандаи «Тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)» аз таркиби ҷиноятҳои ба он монанд;

– вобаста ба таҳлили камбудиҳо ва зиддиятҳо дар танзими ҳуқуқии амалкунанда пешниҳодҳои илман асоснок ва тавсияҳои амалӣ, ки ба рушди меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ оид ба ҷавобгарӣ барои «Тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)», равона шудаанд, таҳия карда мешаванд.

Ҳамин тариқ, нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда ба мазмуни таҳқиқот мувофиқ буда, дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ мебошанд. Онҳо метавонанд дар рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ, фаъолияти қонунэҷодӣ ва такмили амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ истифода шаванд.

Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта. Хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар диссертатсия ифодаёфта дар асоси таҳлили маҷмуии манбаъҳои назариявӣ, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, таҷрибаи қонунгузории миллӣ ва хориҷӣ, инчунин маводи амалияи судӣ таҳия гардидаанд. Муаллиф дар ҷараёни таҳқиқот аз усулҳои гуногуни илмӣ, аз ҷумла усулҳои диалектикӣ, мантиқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, ҳуҷҷатӣ ва оморӣ истифода бурдааст. Ин усулҳо ба довталаб имкон додаанд, ки масъалаҳои таҳқиқшавандаро на танҳо аз нуқтаи назари меъёрӣ, балки аз лиҳози иҷтимоӣ, таърихӣ ва амалӣ низ арзёбӣ намояд.

Асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот, пеш аз ҳама, бо истифодаи муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қарорҳои Пленумҳои Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалӣ, қонунгузории Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Украина, Беларус, Ҷумҳурии Қирғизистон, Ҷумҳурии Қазоқистон, Британияи Кабир, Латвия, Лаҳистон ва дигар давлатҳо таъмин гардидааст. Ин муносибат ба муаллиф имкон додааст, ки мушкилоти миллиро дар доираи васеи таҷрибаи ҳуқуқии муқоисавӣ таҳлил намояд.

Эътимоднокии хулосаҳо, инчунин бо заминаи эмпирикии таҳқиқот тақвият ёфтааст. Муаллиф маводи фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва судии Ҷумҳурии Тоҷикистонро истифода намуда, нишондиҳандаҳои оморӣ ва зиёда аз 98 парвандаи ҷиноятиро оид ба ҷинояти тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта), таҳлил кардааст. Истифодаи чунин мавод барои таҳқиқоти ҳуқуқи ҷиноятӣ аҳаммияти муҳим дорад, зеро он имкон медиҳад, ки пешниҳодҳои назариявӣ бо эҳтиёҷоти воқеии амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ пайваст карда шаванд.

Тавсияҳои амалии пешниҳодшуда, аз ҷумла оид ба такмили моддаи 281 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар заминаи таҳлили камбудиҳои меъёри амалкунанда ва таҷрибаи давлатҳои дигар асоснок шудаанд. Гарчанде баъзе пешниҳодҳо хусусияти баҳсталаб дошта бошанд ҳам, онҳо аз ҷиҳати илмӣ арзишманд буда, метавонанд барои муҳокимаи минбаъдаи қонунгузорӣ замина фароҳам оваранд.

Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия. Сохтори диссертатсияи Исматзода Рустам Абдусалом бо мантиқи мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мувофиқ мебошад. Рисола аз феҳристи ихтисорот ва аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб, ҳафт зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт ва феҳристи интишороти илмии довталаб иборат буда, ҳаҷми умумии он 178 саҳифаро ташкил медиҳад.

Дар муқаддима мубрамияти мавзуъ, дараҷаи таҳқиқи илмии масъала, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсад ва вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, марҳила, макон ва давраи таҳқиқ, асосҳои назариявӣ, методологӣ ва эмпирикӣ, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо, мутобиқати диссертатсия ба ихтисос, саҳми шахсии довталаб, тасвиб ва интишороти илмӣ ба таври муназзам ифода ёфтаанд.

Боби якуми диссертатсия таҳти унвони «Табиати ҳуқуқӣ-иҷтимоии тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)» аз ду зербоб иборат мебошад. Дар ин боб масъалаҳо оид ба таърихи ташаккул ва инкишофи қонунгузории ҷиноятӣ дар бораи ҷавобгарӣ барои тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта), заминаҳои иҷтимоии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

Дар зербоби аввал муаллиф таърихи пайдоиш ва паҳншаваии сохтакории пул ва коғазҳои қиматнокро аз давраи қадим то давраи навин нишон дода, муқарраршавии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои онро муайян намудааст. Махсусан қайд мегардад, ки пайдоиши аввалин ҳолатҳои маъмули сохтакории нишонаҳои пулии қалбакӣ (сохта) ба асри II то милод рост меояд. Тангаҳое, ки дар замони ҳукмронии шоҳи Парфия Митридат I (тақрибан 123-87 сол пеш аз милод) дар Парфияи Қадим чоп карда мешуданд, предмети сохтакорӣ ба ҳисоб мерафтанд. Дар ҳамин давра усул ва роҳҳои махсуси санҷиши аслӣ будани тангаҳои нуқра, ки дар муомилот буданд, пайдо шуданд. Барои ин корд истифода бурда, аз танга як пораи хурдро меканданд. Аз ҷои буриш муайян кардан мумкин буд, ки танга аслӣ аст ё қалбакӣ (саҳ. 24).

Дар доираи зербоби дуюми боби якум, заминаҳои иҷтимоии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта), таҳқиқ гардидаанд. Дар доираи ин зербоб баҳсҳои илмӣ дар бораи ошкор кардани заминаҳои маъмулии иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ, ки ба рушди ин намуди ҷиноятқорӣ мусоидат мекунанд, равшан карда мешаванд. Диққати махсус ба таҳлили муқоисавии маълумоти оморӣ оид ба содир кардани ҷиноятҳои марбут ба сохтакории пулҳо дар кишварҳои гуногун, дода мешавад. Дар баробари ин, муҳаққиқон таъкид мекунанд, ки бар хилофи ихтилофоти назаррас дар сатҳи ҷиноятқорӣ байни кишварҳо,

тамоюли асосии муайянкунанда дар сатҳи ҷаҳонӣ афзоиши ин ҷиноят боқӣ мемонад.

Боби дуюми диссертатсия таҳти унвони «Тавсифи ҳуқуқӣ-ҷиноятии аломатҳои объективии тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)» аз ду зербоб иборат аст. Дар зербоби якуми ин боб мазмуни объект ва предмети ҷинояти марбут ба тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) ошкор карда мешавад, ки дар он муаллиф шарҳи нуқтаи назари гуногуни илмиро дар бораи муайян кардани ин унсурҳои кирдори мазкур, пешниҳод мекунад. Муаллиф қайд мекунад, ки бар хилофи тағйирёбии қонунгузории ҷиноятӣ дар шароити дигаргуниҳои бозорӣ ва таснифи ин кирдор ҳамчун ҷинояти иқтисодӣ, масъалаи ҷойгоҳи он дар низоми ҷиноятҳои иқтисодӣ дар муҳити илмӣ баҳсбарангез боқӣ мемонад. Ихтилофоти бештар ба тавсифи объекти бевоситаи ин ҷиноят дахл дорад, зеро то имрӯз муносибати ягона оид ба таърифи он баён нагардидааст. Чунин номуайянӣ қисман бо набудани консепсияи ягонаи низоми ҷиноятҳои иқтисодӣ дар таълимоти муосири ҳуқуқи ҷиноятӣ, инчунин набудани таснифи умумиқабулшуда вобаста ба таркиби ҷиноятҳои дар боби 27 КҶ ҶТ муқарраршуда, ки таҳлили онҳо бо такя ба хусусиятҳои объектҳои дахлдори бевоситаи таҷовуз анҷом дода мешавад, шарҳ дода мешавад (саҳ. 58-59).

Дар зербоби дуюми боби мазкур таҳлили муфассали тарафи объективии таркиби ҷиноят, ки дар м. 281 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст (тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)) гузаронида шудааст. Муаллиф тарафдори тафсири маҳдуди тарафи объективии ин ҷиноят мебошад: яъне ба мундариҷаи он танҳо кирдорҳое дохил карда мешаванд, ки бевосита дар диспозитсияи меъёри мазкур пешбинӣ шудаанд. Ба инҳо дохил мешаванд: тайёр кардани воситаҳои қалбакии пардохт ва коғазҳои қиматнок, аз ҷумла «билетҳои қалбакии Бонки миллии Тоҷикистон, танга ё қоғазҳои қиматноки қалбакӣ бо асъори Ҷумҳурии Тоҷикистон, асъори хориҷӣ ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ бо асъори хориҷӣ», инчунин бевосита ба муомилот баровардани воситаҳои қалбакии пардохтии зикршуда. Дар доираи зербоб муаллиф таҳлили муфассали ҳар як аломати тарафи объективии ин кирдорро, аз ҷумла роҳҳои қалбакӣ тайёр кардани маблағҳои пулӣ ё коғазҳои қиматнокро анҷом дода аст.

Боби сеюми диссертатсия диссертатсия таҳти унвони «Тавсифи ҳуқуқӣ-ҷиноятии аломатҳои субъективии ҷинояти тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё қоғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) ва фарқгузории он аз ҷиноятҳои ҳамҷавор» аз се зербоб иборат мебошад.

Дар зербоби якум аломатҳои субъективии таркиби ҷинояти пешбининамудаи моддаи 281 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Муаллиф масъалаҳои марбут ба гуноҳ, шакли қасд, мақсади содир намудани ҷиноят ва хусусиятҳои субъекти онро

баррасӣ намуда, асоснок менамояд, ки барои бандубасти дурусти кирдори мазкур муайян намудани муносибати рӯҳии шахс нисбат ба амали содирнамуда ва оқибатҳои он аҳаммияти муҳим дорад.

Дар зербоби дуюм масъалаҳои марбут ба субъекти тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё қоғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) таҳлил гардидаанд. Муаллиф хусусиятҳои ҳуқуқии субъекти ҷинояти таҳлилшавандаро муайян намуда, ба хулоса меояд, ки ба сифати субъекти ҷинояти тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё қоғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) шахси воқеии мукаллафи ба сину соли 16-солагӣ расида баромад менамояд.

Зербоби сеюми боби мазкур ба масъалаҳои фарқгузории ҷинояти тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё қоғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) аз дигар ҷиноятҳои ҳамҷавор бахшида шудааст. Дар ин қисмат муаллиф хусусиятҳои фарққунандаи ҷинояти мазкурро аз қаллобӣ ва дигар кирдорҳои ба муносибатҳои пулӣ ва молиявӣ алоқаманд таҳлил намуда, меъёрҳои ҳуқуқии фарқгузории онҳоро муайян кардааст.

Ин қисми таҳқиқот аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дошта, барои пешгирии хатогиҳо ҳангоми бандубасти ҷиноят ва таъмини татбиқи дурусти меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ мусоидат менамояд.

Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 9 мақолаи илмии довталаб инъикос ёфтаанд. Аз онҳо 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 мақола дар дигар нашрияҳои илмӣ ба табъ расидаанд. Маводи нашршуда ба мазмун ва самтҳои асосии диссертатсия мувофиқ буда, масъалаҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)-ро фаро мегиранд.

Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Диссертатсияи Исматзода Рустам Абдусалом ба талаботи банди 29-36, 40-41 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, №591 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Услуби баёни рисола илмӣ буда, муаллиф кӯшиш кардааст, ки масъалаҳои мураккаби ҳуқуқӣ-ҷиноятиро бо забони равшан ва пайдарпай таҳлил намояд. Маводи таҳқиқот бо истинод ба сарчашмаҳои миллӣ ва хориҷӣ, санадҳои қонунгузорӣ, маводи амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ ва андешаҳои олимони соҳа асоснок карда шудааст. Ин ҳолат аз мустақилияти илмӣ ва омодагии довталаб барои анҷом додани таҳқиқоти илмии сатҳи зарурӣ шаҳодат медиҳад.

Навгонии натиҷаҳои илмӣ, асосноки нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда ва аҳаммияти тавсияҳои амалӣ на танҳо дар матни диссертатсия инъикос

ёфтаанд, балки бо нашрияҳои илмӣ ва иштироки муаллиф дар ҳамоишҳои илмию амалӣ низ тасдиқи худро пайдо кардаанд.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистн аз 28 августи соли 2026, №591 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки ба диссертатсия дода мешавад, дар рисола баъзе масъалаҳои баҳсталаб ва нуқсонҳои ҷузъӣ ҷой доранд, ки зикри онҳо барои такмили минбаъдаи таҳқиқот муфид мебошад:

1. Муаллиф дар раванди таҳқиқот масъалаи муайян намудани объекти бевоситаи ҷиноятӣ пешбининамудаи моддаи 281 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро мавриди баррасӣ қарор дода, андешаҳои гуногуни илмиро таҳлил намудааст. Бо вуҷуди ин, ба андешаи мо, асоснок намудани мавқеи муаллиф оид ба муайян намудани объекти бевоситаи ҷиноятӣ мазкур метавонист боз ҳам муфассалтар сурат гирад. Аз ин рӯ, аз муаллиф хоҳиш карда мешавад, ки ҳангоми ҳимоя мавқеи илмии худро вобаста ба ин масъала асоснок намояд (саҳ. 58-72).

2. Муаллиф масъалаи фарқгузории ҷиноятӣ тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё қоғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)-ро аз қаллобӣ мавриди таҳлили муфассал қарор додааст. Аммо ба андешаи мо, масъалаи муайян намудани лаҳзаи баанҷомрасии ҷиноятӣ мазкур ва фарқияти он аз ҳолатҳои тайёрӣ ба содир намудани ҷиноят метавонист бо овардани мисолҳои бештари амалияи судию тафтишотӣ боз ҳам амиқтар баррасӣ гардад. Аз ин рӯ, аз муаллиф хоҳиш карда мешавад, ки ҳангоми ҳимоя мавқеи худро вобаста ба масъалаи мазкур шарҳ диҳад (саҳ. 139-142).

3. Дар диссертатсия пешниҳодҳои муайян оид ба такмили моддаи 281 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ироа гардидаанд, ки дорои аҳаммияти илмӣ ва амалӣ мебошанд. Ҳамзамон, ба андешаи мо, асосноккунии муқоисавии баъзе пешниҳодҳои қонунгузорӣ бо таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ ва муайян намудани оқибатҳои эҳтимолии ҳуқуқии татбиқи онҳо метавонист боз ҳам муфассалтар анҷом дода шавад (саҳ. 156-158).

Эродҳои зикршуда асосан хусусияти баҳсӣ, тавсиявӣ ва ислоҳшаванда дошта, арзиши илмӣ ва амалии таҳқиқоти анҷомдодашударо коҳиш намедиҳанд. Онҳо ба натиҷаҳои асосии диссертатсия таъсири ҷиддӣ нарасонида, баръакс метавонанд барои такмили минбаъдаи мавзуъ ва рушди таҳқиқоти илмӣ дар ин самт заминаи мусоид фароҳам оваранд. Дар маҷмуъ, диссертатсияи Исматзода Рустам Абдусалом дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)» ҳамчун кори илмии мустақилона, анҷомёфта ва дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ арзёбӣ мегардад. Муаллиф тавонистааст масъалаҳои муҳимми ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тайёр кардан ё ба муомилот

баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)-ро бо истифода аз равишҳои муосири илмӣ таҳлил намуда, пешниҳодҳои мушаххас ҷиҳати такмили қонунгузории ҷиноятӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ ироа намояд.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 29-36, 40-41 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, №591 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он Исматзода Рустам Абдусалом сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), аз рӯйи ихтисоси 6D030300-фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (6D030301-ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ) мебошад.

Муқарризи расмӣ:
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии
Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон Абдуҳамитов В.А.

Суроға: 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Ҳамадонӣ 55,
Тел.: (+992) 93-581-93-18. E-mail: valijon05@mail.ru

Имзои Абдуҳамитов В.А.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳои
Донишгоҳи (Славянии) Россия ва
Тоҷикистон Боровицкая Л.А.

Суроғаи муқарриз: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон, 734025, ш. Душанбе, кӯч. М. Турсунзода, 30.
Тел.: (+992 237) 221-35-50. Факс: (+992 237) 221-05-70.
E-mail: p.rektora@mail.ru; www.rtsu.tj.ru

«14» 11 2026 сол